«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор

_________________ Ибодуллозода А.И.

«29» ____05____ соли 2026

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)**

Мувофиқи суратмаҷлиси № 13, аз санаи 10.04.2026 с. дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA – 093-и назди Институти таърих, бостоншиносва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ҳамчун муассисаи пешбар барои диссертатсияи унвонҷӯ Асомуддини Абдулмумин таъин гардид.

Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар доираи татбиқи лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ, таҳти унвони «Таърихи халқи тоҷик. Тоҷикистон дар замони истиқлолияти давлатӣ (аз соли 1991 то соли 2010)» барои солҳои 2021-2025 анҷом дода шуда, ба ихтисосе, ки аз рӯйи он кор ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, мутобиқат намуда, дар кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, протоколи № 10 аз 28 майи соли 2026 баррасӣ ва муҳокима гардида, ба он баҳои мусбат дода шуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия аъзоёни кафедра: номзадони илмҳои таърих, дотсентон Ғ. Гадоев, М. Шарипов, С. П. Сайнаков, М. Ганчакова, С. Ғуломшоев, Д. Раҳматшоев, муаллимони калон, ассистентон ва магистрон, унвонҷӯёну докторантон (PhD)-и кафедра иштирок доштанд.

Муассисаи пешбар дар хулосаи мусбии худ, ки аз ҷониби номзади илмҳои таърих, дотсент Матлуба Ганчаковна Ганчакова омода гардидааст, иброз менамояд, ки диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзӯи мубрам навишта шуда, аҳаммияти назариявию амалии илмӣ дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

**Муҳиммияти мавзуи таҳқиқ.** Муаллиф дар бахши муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқро асоснок намудааст. Зикр гардидааст, ки баррасии амиқ ва таҳлили матнҳои таърихнигории мансуб ба масоили мубрами ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дар солҳои 1992-1997 ва раванди мусолиҳаи миллӣ миёни гурӯҳҳои муқобил барои инъикоси воқеият ва бозгӯии таҳаввулоти сиёсӣ муҳим арзёбӣ гардида, он ба таъмини суботи минбаъдаи кишвар аҳаммияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Масоили марбут ба таҳаввулоти сиёсӣ ва сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар адабиёти илмӣ то ҳол дар илми таърихнигорӣ таҳқиқталаб боқӣ мондаанд. Ҳамзамон, таҳқиқоти комплексие, ки таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ, паёмадҳои фоҷиавии

он ва ҷараёни музокироти сулҳи байни тоҷиконро бо натиҷагирии илман асоснок фаро гирад, пурра анҷом наёфтааст. Бинобар ин, зарурати баррасии мукаммали ин масоили сарнавиштсоз ҳанӯз боқӣ монда, ба таҳлили амиқ ва назариёти устувори илмӣ ниёз дорад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи «Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)» як кори илмии муҳим ва саривақтӣ буда, ба яке аз масъалаҳои мубрами илми таърихи ватанӣ бахшида шудааст. Дар ин тақриз, дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар қисмати гузоришҳои илмӣ диссертант тавонистааст масъалаи таҳқиқшавандаро дар заминаи адабиёти мавҷудаи илмӣ, таҳқиқоти қаблӣ ва маводи бойгонӣ ба таври мушаххас муаррифӣ намояд.

Хулосаҳои дар диссертатсия овардашуда ба натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот асос ёфтаанд. Қисмати пешниҳодҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти худ хулосаҳои амалӣ баровардааст. Пешниҳодҳои овардашуда аҳаммияти имлӣ дорад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар заминаи асару мақолаҳои таърихнигорон, сиёсатмадорон ва мутахассисони соҳа ин раванди таҳдирсоз мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, заминаҳои илмии даврабандии ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Натиҷаҳои гуфтушуниди миёни тоҷикон баррасӣ шуда, самараи таҷрибаи сулҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ муайян гардидааст. Ҳамзамон, раванди танзими муноқишаи байни тоҷикон ва роҳҳои расидан ба сулҳу субот аз ҷиҳати таърихнигорӣ таҳлил шуда,

ҷойгоҳи Комиссияи оштии миллӣ дар раванди расидан ба сулҳи комил муайян гардидааст.

**Саҳеҳии натиҷаҳо** ба муқаррароти илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар рисола таҳияшуда бо методологияи донишҳои илмӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот ба таҳқиқи диссертатсионии мазкур асос ёфтааст. Инчунин, тасдиқи фарзияҳои пешниҳодшударо таҷрибаи шахсии муаллиф таъмин мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки дастовардҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳия ва такмили худшиносии миллӣ, зиракии сиёсии насли ҷавон кӯмак расонанд. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссертатсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ роҷеъ ба таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол (солҳои 1991- 2021), инчунин зимни хондани курсҳои лексионӣ ва курсҳои махсус васеъ истифода кард. Аҳаммияти амалии диссертатсия инчунин аз истифодаи эҳтимолии натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дар ниҳодҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, кафедраҳои гуманитарии мактабҳои олӣ иборат аст.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат дар даврони истиқлолият имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир муфиданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили таърихнигории маводҳои мавҷуда таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар коркарди илмӣ ва таҳлили таърихнигории маводҳои нав ва асарҳои зиёди илмӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ роҷеъ ба таърихи ҷанги

шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997), раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ таълиф гардидаанд, дар таҳқиқи илмии заминаҳо, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 дар Тоҷикистон ва даврабандии ин рӯйдоди сиёсӣ зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ, дар маъаллаҳои таризшавандаи илмӣ.** Натиҷаҳои асосӣ ва баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

Дар муқаддима мубрам будани мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ муайян шудааст. Илова бар ин, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, пойгоҳи сарчашмашиносӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, асосҳои методологӣ ва назариявии рисола, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок шуда, чаҳорчӯбаи замонии таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳо ва сохтори диссертатсия баррасӣ ва муайян шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – ***"Раванди муборизаҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон (охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX)"*** унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст.

Дар зербоби якум – ***"Ҷараёни таҳаввулоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар охири солҳои 80-ум ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар Тоҷикистон"*** таъкид мегардад, ки дар замони «бозсозӣ» ҳаракатҳои миллӣ, гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ ва истиқлолиятхоҳӣ дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шуравӣ боиси пайдоиши матбуоти озод гардид ва он бо

кӯмаку дастгирии сармоядорон пурқувват шуда, нисбат ба матбуоти марказии ҳизбӣ ва дигар нашрияҳои расмӣ обрӯйи хоса касб намуд.

Дар диссертатсия инъикоси раванди таъсисёбии ҳизбу созмонҳои бешумор ва мақсаду мароми онҳо, нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъият, ташакулёбии бисёрҳизбӣ дар шароити Тоҷикистон, характер ва махсусиятҳои рақобати байниҳизбӣ ва муборизаи онҳо баҳри ба даст даровардани ҳокимият дар асарҳои муҳаққиқонбаррасӣ гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби якум, ки *"Заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва инъикоси он дар таърихнигори ватанию хориҷӣ"* унвон дорад, ки дар ин зербоб муаллиф овардааст, ки санадҳои муътабар собит менамояд, ки ҷанги шаҳрвандии соли 1992-1997 ифодагари мафкураи як гурӯҳи мансабталошон буда, ҳаргиз ормонҳои мардуми тоҷикро ифода карда наметавонист. Дар заминаи сиёсати "бозсозӣ"-и Горбачёвӣ, ҳизбу созмонҳо таъсис ёфта, боиси нооромии сиёсии кишвар гардиданд.

Боби дуюми диссертатсия – *"Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"* унвон гирифта, аз ду зербоб иборат аст.

Зербоби якуми боби дуюм, ки ***"Инъикоси ҷанги шаҳрвандӣ (1992 – 1997) дар таърихнигории ватанӣ»*** номгузорӣ шудааст, ба таҳлили таҳаввулоти сиёсии ибтидои солҳои 90-ум, ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаҳо ва паёмадҳои фоҷиабори он дар осори муҳаққиқони зиёд ва донишмандони соҳа бахшида шуда, диссертант навиштааст, ки баъд аз таҳлилу баррасии адабиёти мавҷуда ба хулосае расидан мумкин аст, ки роҷеъ ба паҳлӯҳои гуногуни ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (1992-1997) дар таърихнигории ватанӣ таҳқиқоти фаровон рӯйи кор омадааст. Бо вуҷуди ин, ҳанӯз ҳам паҳлуҳои гуногуни ин ҳодисаи сиёсӣ-низомӣ амиқ омӯхта нашудааст.

Дар зербоби дуюм боби дуюм - ***"Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (1992-1997) дар таҳқиқоти муҳаққиқони хориҷӣ»*** таъкид мегардад, ки дар

инъикоси таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар радифи муҳаққиқони ватанӣ муҳаққиқон ва коршиносони хориҷӣ, ки дар осори онҳо паҳлуҳои мухталифи таърихи ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон инъикос гардидааст, саҳми борриз доранд. Диссертант менависад, ки шарҳи сарчашмаҳои ба мавзуъ марбутбуда, имкон медиҳанд ба хулосае биёем, ки нисбат ба масъалаи равандҳои сиёсии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла ҷанги шаҳрвандӣ аз ҷониби муҳаққиқон ва коршиносони кишварҳои минтақа ва кишварҳои узви ИДМ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гаштааст ва гумон меравад, ки онҳо дар оянда низ ин масъаларо пайгирӣ намуда, равандҳои сиёсии Осиёи Марказиро ҳамаҷониба таҳлил менамоянд ва дурнамои ин равандҳоро баррасӣ хоҳанд кард.

Боби сеюми диссертатсия, ки ***"Таҷассуми масоили истиқрори сулҳу ваҳдат ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ"*** аз се зербоб таркиб ёфтааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм – ***"Инъикоси масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"*** таъкид мегардад, ки раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон дар солҳои 1994 – 1997 аз ҷумлаи масоили муҳим ва мубрами илми таърихнигории миллӣ маҳсуб ёфта, дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва коршиносони соҳа қарор гирифтааст.

Дар диссертатсия масоили истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон ва мавзуоти мухталифи он дар асарҳо, суханрониҳо ва Паёмҳои Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон хеле дақиқназарона таҳлил ва баррасӣ гардидаанд. Маҳз Сарвари давлати тоҷикон ташаббускори асосии роҳандозии Консепсияи ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон буда, тамоми нерую заковат ва сабру суботи хешро баҳри истиқрори сулҳи комил дар Тоҷикистон равона намуданд.

Дар зербоби дуюми боби сеюм – ***"Фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ ва таҳқиқи он дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ"*** дараҷаи инъикоси фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ дар осори муҳаққиқони

ватанӣ ва хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Масоили марбут ба фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, зарурати таъсис ёфтани он, рисолати таърихии ин ниҳод, дар адабиёти зиёди илмӣ таҳқиқу таҳлил гардидаанд.

Дар диссертатсия қайд мегардад, ки муҳаққиқон ва коршиносони соҳа, бешубҳа, ба масоили фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ, сохтор, зергурӯҳҳо, вазифаҳо ва рисолати таърихии ин ниҳод таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, паҳлуҳои гуногуни масоили мазкурро инъикос намудаанд. Бо вуҷуди ин, дар инъикоси фаъолияти КОМ ҳанӯз ҳам масоили ҷиддии ҳалталаб мавҷуданд.

Дар зербоби сеюми боби сеюм – ***"Истиқлолияти давлатӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ваҳдати тоҷикон дар осори Пешвои миллат»*** масоили инъикоси таърихи сиёсии даҳсолаи охири асри XX дар асарҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Зимни баррасии масоили мазкур муҳаққиқ қайд менамояд, ки бозтоби илмии лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсози таърихи тоҷикон дар асарҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҷассуми равшан дорад. Арзиши таърихии асарҳои Пешвои миллат, пеш аз ҳама, аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки он паҳлуҳои мухталифи худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳёи хотираи таърихии тоҷиконро дар оинаи таърих инъикос намудааст.

***Дар хулосаи*** диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳоди муаллиф баҳри дар оянда таҳқиқ намудани масъалаи мазкур оварда шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи довталаби дараҷаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) ба талаботи муқаррароти бандҳои 76 – 79 ва 81-и "Тартиби додани

дарачаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯй мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Асомуддини Абдулмумин ба ихтисоси илмии дархостшаванда аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. дар бахши "Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ" диссертант суханрониҳо ва Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон ва асарҳои ёддоштии як қатор шахсиятҳоро овардааст, ки онҳо аз назари методологияи илмӣ на адабиёти таҳқиқотӣ, балки маъхаз ба ҳисоб меравандˌ Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки онҳо дар бахши "Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот" нишон дода шаванд;

2. диссертатсия аз рӯи ихтисоси 6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ба дифоъ пешниҳод гардидааст, аммо дар баъзе ҷойҳои кор муаллиф методологияи таҳлили таърихнигорӣ ва манбаъшиносиро канор гузошта, масъалаҳоро танҳо дар доираи равиши баёни тасвирӣ ва усули таърихнависии анъанавӣ (ватанӣ) шарҳ додааст, ки ин метод ҷанбаи таҳлилию назариявии таҳқиқотро заиф месозад;

3. дар параграфи якуми боби дуюм муаллиф бештар ба таҳлилу баррасии дидгоҳҳои назариявии таҳқиқоти мавҷуда оид ба ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон (солҳои 1992 – 1997) таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, аммо заминаи манбаъшиносии масъала ва таҳлили муқоисавии маъхазҳои аввалияро дар бисёр мавридҳо сарфи назар кардааст;

4. дар диссертатсия ва афтореферати он ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ низ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ҳангоми нашри монография ҳатмӣ медонем.

Камбудиҳои зикргардида ҷузъӣ ва зудислоҳшаванда мебошанд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқараргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқиро инъикос менамояд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Асомуддини Абдулмумин дар мавзуи ***«Таърихнигории ҷанги шаҳрвандӣ ва сулҳи тоҷикон (солҳои 1992 – 2000)»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси (6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1. - Таърих ва бостоншиносӣ (6.1.5. - Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои таърих Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна тартиб дода шуда, дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии

омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, (протоколи № 10 аз 28 майи соли 2026) муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 21 - нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 21 нафар, зид - нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа, мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ номзади илмҳои таърих, дотсент** **Сайнак Парпишоевич Сайнаков**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои таърих** **Матлуба Ганҷаковна Ганҷакова**

**Котиби ҷаласа** **Муҳаммадҷон Ҳабибуллоевич Ёров**

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С. Айнӣ
Телефон: (+992) 2241383
Почтаи электронӣ: info@tgpu.tj

**Тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Сайвалӣ Қодирзода**

“28” 05 **2026**